# ТАҚРИЗИ

мукарризи расмӣ Заиров Сиротулло Абдулмаҷидович ба кори диссертатсионии Султонмамадова Марҳабо Айдармамадовна дар мавзуи “Асосҳои методии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими адабиёти тоҷик ҳангоми омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02– назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04-Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)

Мавзуи таҳқиқнамудаи унвонҷӯ Султонмамадова Марҳабо Айдармамадовна яке аз мавзуъҳои мубрам ва ҳалталаби педагогикаи муосир-татбиқи методии муносибати босалоҳият ба таълим ба ҳисоб меравад. Ҳадафи асосии муҳаққиқ омӯзиш, таҳлил, коркард ва пешниҳод намудани роҳу усул ва методҳои наву самарабахши татбиқи методии муносибати босалоҳият ба таълим ва дар ин замина ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад.

Имрӯз таваҷҷуҳи давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳаи илму маориф беш аз пеш афзуда, ҷиҳати ноил гардидан ба ҳадафи асосӣ-баланд бардоштани сифати таҳсилот ва тарбия намудани насли босаводу бомаърифат қадамҳои устуворе гузошта шуда истодааст, ки яке аз он гомҳои ҳадафмандона дар амал татбиқ намудани муносибати босалоҳият ба таълим дар раванди таълиму тадрис мебошад.

Салоҳият дар муассисаҳои таълимӣ барои инкишофи нутқи шифоҳӣ, ҷаҳонбинӣ, дониш ва малакаву маҳорати хонандагон нақши созгор дорад. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри амалӣ гардидани барномаи мазкур пайваста чораҷуйӣ менамояд.

Унвонҷӯ қайд намудааст, ки татбиқ намудани муносибати босалоҳият ба таълим ва пешниҳод намудани методҳои амалисозии он дар муассисаҳои таълимии кишвар метавонад боиси баланд шудани сифати таҳсилоти хонандагон ва аз байн рафтани як қатор мушкилиҳои самти таълиму тарбия гардад. Баргузор намудани дарсҳои таҷрибавӣ дар раванди таҳқиқоти

диссертатсия собит намуаанд, ки муносибати босалоҳият ба таълим барои хонандагони имрӯза бисёр муфид ва созгор аст.

Муаллифи диссертатсия барои амиқ омӯхтан ва дурурст пажӯҳиш кардани муҳтавои мавзуи интихобкардааш кӯшиши зиёд намуда, аз асарҳо ва рисолаҳои олимону муҳақиқони ватаниву хориҷӣ самаранок ва бамаврид истифода бурдааст. Инчунин муҳаққиқ зимни пажуҳиш ба масъалаи то кадом андоза салоҳиятманд будани хонандагон, дар кадом поя қарор доштани сатҳи омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таълимӣ, роҳҳо ва методҳои беҳтарсозии салоҳиятҳои онҳо таҳқиқоти илман асоснокеро анҷом додааст, ки ин пажӯҳишҳо арзиши назариявӣ ва амалии мавзуи рисолаи илмии Султонмамадова Марҳаборо равшантар сохта, аз муҳим ва саривақтӣ будани мавзуи таҳқиқоти диссертатсинӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Яке аз самтҳои хуби таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар он аст, ки муаллифи рисола масъалаи муносибати босалоҳият ба таълимро дар шакли модули алоҳида омода ва пешниҳод кардааст, ки дурустиву эътимоднокии таҳқиқоти муаллифро боз ҳам возеҳтар собит месозад. Диссертант кӯшиш намудааст, ки барои исботи андеша ва мавқеи илмии худ дар рисола далелҳои муътамадро пешниҳод намояд.

Пешниҳоди дарсҳои намунавӣ, саволгузориҳои бомаврид, қиёс намудани усули анъанавии таълим бо муносибати босалоҳият ба таълим, таҳлили шоҳбайтҳо, муқоисаи рӯзгор ва афкори мардуми тоҷик дар замони гузашта бо рӯзгору вазъияти кунунӣ, истифодаи ҷадвалҳои муқоисавӣ, пурсишномаҳо бо саволҳои проблемавӣ, назарсанҷиҳо ва сохтори мураттаби диссертатсия ҷанбаи илмӣ ва методии онро боз ҳам ғанӣ ва қавитар гардаонидааст.

Дар диссертатсия зиёда аз 20 адад шеър аз ашъори пурарзиши адабиёти классики тоҷику форс, адабиёти муосири тоҷик ва адабиёти ҷаҳон ба таври амиқ таҳлил ва баррасӣ гардида, зимни пажуҳиш яке аз ҷиҳатҳои муҳими муносибати босалоҳият ба таълим-қоидаҳои аз сода ба мураккаб гузаштан риоя гардидааст.

Бояд қайд намоем, ки шеърҳои барои таҳлил дар рисола интихобгардида ҳама аз китобҳои дарсӣ буда, мавзуъҳои мубрамро фаро мегиранд. Муаллифи диссертатсия кӯшиш намудааст, ки дар синфҳои экспериментали омӯзиши онҳоро дар заминаи муносибати босалоҳият ба таълим ба роҳ монад ва роҳҳои таълиму тадриси онро дар шакли модули алоҳида ва мушаххас пешниҳод созад.

Яке аз хусусиятҳои хуби таҳқиқоти анҷомдодаи Султонмамадова Марҳабо дар он зоҳир мегардад, ки диссертант зимни таълими каломи манзум ба омӯзиши луғатҳо ва ҷиҳати этимологии онҳо аҳамияти ҷиддӣ додааст, ки ин арзиши кори илмиро боз ҳам афзун мегардонад. Дар ҳақиқат, таваҷҷуҳ зоҳир намудан ба муҳтавои калимаҳо, маъноҳои луғатҳо яке аз омилҳои хуб ва таъсиррасон дар самти босаводу маънифаҳм гардидани хонандагон мебошад. Вақте ки хонанда маънои ҳар як калимаро донист, барои ӯ таҳлил намудани байт, ё шеъри пурра осон мегардад. Шеърҳои дар диссертатсия овардашуда гуногунмавзуъ буда, хонандаро ба фикр кардан, хулоса баровардан ва роҳи ҳалли онро ҷӯстан водор месозад.

Муаллиф дар рисола таъкид намудааст, ки барои хонандаи имрӯза фақат донистану таҳлил намудани шеърҳо кофӣ нест, балки муқоиса намудан, андеша ва мавқеи худро доштан, проблемагузорӣ карда роҳҳои ҳалли онро ҷуста пешниҳод кардан аз самтҳои асосӣ ба ҳисоб меравand.

Ба ақидаи муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ яке аз нишондиҳандаҳои муҳимтарини сатҳи фарҳанги шахс, тафаккур, зеҳни ӯ, одоби муоширати ӯ, муносибати ӯ бо атрофиён ва сухани таъсирбахш доштани ӯ мебошад. Инчунин дар рисола қайд гардидааст, ки донистани шеърҳо ва шоҳбайҳо, сарфаҳм рафтани маъно ва муҳтавои онҳо боиси хушбаёнӣ ва суханвар гардидани хонандагон мегардад.

Асосҳои методологии таҳқиқотро принсипу усулҳои умумиилмӣ ташкил медиҳанд: принсипҳои мунтазам, маҷмӯӣ, таърихӣ, принсипҳои илова ва бардавомӣ, муносибати субъективию фаъолиятӣ, инчунин усулҳои илмӣ, ба мисли таҳлил, синтез, индуксия, тарҳ ва ғ., омӯзиш ва таҳлили адабиёти фалсафию таърихӣ ва психологию педагогӣ аз рӯйи мушкилоти

мавҷуда, омӯзиш ва ҳамоҳанг намудани ҳамкорӣ дар байни мактаб, оила ва ҷомеа, корҳои таҷрибавию озмоишии психологию педагогии дорои ҷанбаи таълимию тарбиявидошта ташкил мекунанд.

Довталаби дараҷаи илмӣ шаклу усулҳои самарабахши беҳсозии вазъи муоширату фикрронии хонандагони синфҳои болоиро зимни ифодаи каломи манзум, ки ҳадафи асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ маҳсуб меёбад, таҳлили илмию педагогӣ кардааст. Инчунин аҳамияти сухандонию маънифаҳмӣ ва муносибати созандаро дар омода намудани хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оянда ошкор ва муайян карда, ташхиси таҷрибавию озмоишии тарзу усулҳои омода намудани хонандагони синфҳои болоӣ ҳамчун шахсони салоҳиятманду бомаърифати ҷомеаи муосир анҷом дода, истифодаи амалии онҳоро дар пешниҳоду тавсияҳо ироа кардааст.

Истифодаи санъатҳои бадеӣ дар назм барои пуробуранг гардидани сухан нақши хеле муҳим дорад. Унвонҷӯ ба омӯзиш ва коркарди амиқи санътҳои бадеӣ низ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Ҳангоми таҳлили образҳои достонҳои ҳамосӣ ва ишқӣ-лирикӣ ба санъатҳои бадеие чун ташбеҳ, истиора, муболиға, киноя ва таззоду муқобала ишораҳо намудааст, ки ин як паҳлуи равшан ва нодири диссертатсия ба ҳисоб меравад.

Қобили зикр аст, ки диссертант дар фасли дуюми боби сеюм дар баробари нутқи шифоҳӣ ба нутқи хаттии хонандагон низ эътибори ҷиддӣ дода, методҳои ташаккули нутқи хаттии хонандагонро ба таври мушаххас пешниҳод намудааст.

Дар рисола ҷадвалҳои муқоисавӣ ва эксперименталӣ ба қадри кофӣ мавҷуд буда, ба таҳқиқи илман асоснок будани диссертатсия далолат мекунанд.

Диссертатсия бо меъёрҳои забони адабии тоҷикӣ мувофиқ аст. Содагии баён, мураттабии фикрҳо, мувофиқати шахсу шумора, талаботи Қоидаҳои имлои заболни тоҷикӣ аз тарафи унвонҷӯ риоя гардидааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи комиссия:**

Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода карда, доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф маълумот медиҳад.

Мақолаҳои нашрнамудаи унвонҷӯй мухтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос карда, дар нашрияҳои илмии такризшаванда ба табъ расидаанд.

Довталаб ба мақсади асосии дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда расида, вазифаҳои илмии таҳқиқотро ҳаллу фасл кардааст ва фарзияи таҳқиқот тасдиқи худро ёфтааст.

Бояд қайд намуд, ки дар баробари дастовардҳои муҳими илмӣ, диссертатсия ва автореферати он аз камбудиҳо низ холӣ нестанд, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи диссертатсия хеле муфид хоҳад буд, аз ҷумла:

1. Дар диссертатсия калимаҳои душворфаҳме мавҷуданд, ки ба қолаби ҷамъбандии калимаҳои иқтибосии арабӣ дар забони тоҷикӣ мувофиқ намебошанд. Барои мисол зикри чандтои онҳо ин ҷо бамаврид аст: *натоиҷ, мутун, мақолот, калимот, далоил, таъбирот ва монанди инҳо.*

Бояд зикр намуд, ки ниёгони мо дар ҳифзи меъёри забони тоҷикӣ то ҳадди имкон кӯшиш намудаанд. Агарчи дар забони тоҷикӣ калимаҳои иқтибосии арабӣ кам нестанд, вале соҳибзабонон танҳо ҷамъбандиҳои хубу шоиста ва ба меъёри забони тоҷикӣ мувофиқро интихоб намуда, баъзан дар калимаҳои арабӣ пасвандҳои ҷамъсози зебои тоҷикона илова намуда, талаффузи онро зеботару фасеҳтар кардаанд. Мисол ба ҷойи калимаи *кутуб китобҳо*, ба ҷойи калимаи *амокин маконҳо,* ба ҷойи калимаи *туллоб талабаҳо ё талабагон...*

Хуб мешуд, ки унвонҷӯ ба ҷойи калимаҳои дар боло зикргардида бо илова кардани пасванди зебои тоҷикии “ҳо”, “гон”, “вон” шакли калимаҳоро

дигар карда онҳоро ба ин тарз дар диссертатсия тағйир медод: *натиҷаҳо, матнҳо, мақолаҳо, калимаҳо, далелҳо, таъбирҳо ва ғайра.*

2. Муҳақиқ зимни таҳлил ва тафсири шеърҳо ва байтҳои алоҳида бештар методи саволгузориро ба кор бурдааст, ки ин боиси дилгир шудани раванди дарс мегардад. Беҳтар мебуд, ки дар баробари саволу ҷавобҳо доир ба мавзуъ аз роҳҳое чун муқоисанамоӣ, нақшофарӣ, проблемагузорӣ ва бозиҳои ба мавзуъ ва синну соли хонандагон мувофиқ низ истифода бурда шавад.

3. Дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳои техникӣ роҳ ёфтаанд, ки таҳриру ислоҳ мехоҳанд.

Ҳамзамон бояд афзуд, ки камбудиҳои зикргардида ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмиву амалии диссертасияро коста намегардонанд.

## ХУЛОСА

Диссертатсияи Султонмамадова Марҳабо Айдармамадовна кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона дар сатҳи нисбатан хуби илмӣ иҷро гардидааст.

Хулосаҳои бадастомада, эътимоднокӣ ва тавсияҳо аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шудаанд.

Рисола бо миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин аст.

Диссертатсия фаҳмо, бо забони адабии тоҷикӣ, босаводона навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман, ба рисола хулосаҳои мушаххас ва фаҳмо бароварда шудааст.

Автореферат ба мундариҷаи асосии диссертатсия мувофиқ аст.

Муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар рафти таҳқиқот оид ба масъалаҳои асосҳои методии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими адабиёти тоҷик ҳангоми омӯзиши каломи манзум маълумоти наву самарабахш ба даст овардааст.

Диссертатсияи Султонмамадова Марҳабо Айдармамадовна дар мавзуи “Асосҳои методии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими адабиёти тоҷик ҳангоми омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04-Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомнома оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси мазкур мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Номзади илми педагогика, муовини директор оид ба корҳои тарбиявии МДТ литсейи №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе **Зоиров Сиротулло Абдулмаҷидович**

«25» ноябри соли 2024

Суроға: шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ кӯчаи Деҳнаваки поён хонаи 20/3, тамос: Тел: (+992) 777707527, (+992) 919533569 Почтаи электронӣ: sirotullo.zairov.88@inbox.ru

Имзои Зоиров Сиротулло Абдулмаҷидовичро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳои МДТ№3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе Юдин В.

“25”ноябри соли 2024